# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодӣ ҷаҳон**

аз 12 сентябри соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафозода Абдумаҷид Карим (раис), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаев Парвиз Давронович (аъзо), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Даврон Дадоҷон (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 17 августи соли 2026, суратмаҷлиси № 10/КЭ таъсис дода шудааст, диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисоди ҷаҳон пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин бароварданд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Иброҳимзода Амир Муддин «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисоди ҷаҳон муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида маҳсуб меёбад. Дар он масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии вазъ ва дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай баррасӣ гардидаанд.

Созмони ҳамкории Шанхай як қатор кишварҳоро дар фазои Авруосиё муттаҳид карда, ба минбари муҳимми таҳкими равобити иқтисодӣ, таҳияи тарҳҳои муштарак ва боло бурдани сатҳи ҳамгироии минтақавӣ табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ узви комилҳуқуқи СҲШ ба шумор меравад ва ин созмонро дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва тавсеаи равобити иқтисодии хориҷӣ шарики стратегии худ медонад. Аз ин рӯ, зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ муҳиммияти мавзуъро муайян мекунад.

Дар баробари ин, омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии

Тоҷикистон ва кишварҳои узви СҲШ на танҳо дорои аҳаммияти илмӣ, балки аҳаммияти амалӣ буда, ба таҳкими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти ҷаҳон ба шумор рафта, он бо забони давлати омода ва таҳия гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 (№353/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

5. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

6. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисоди ҷаҳон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ инҳо таъин карда шаванд:

- **Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- **Раҳимов Пайрав Сафаралиевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафозода А.К.

**Аъзои комиссия**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаев П.Д.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д.